**Такризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истнқлол (солҳои 1991-2016)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ пешниҳод гардидааст.**

Дар гузаштаи начандон дури таърихӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалияи китобдорӣ нисбат ба назарияи он пешсаф буд. Боиси хурсандист, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ба паҳлуҳои назарии ин соҳаи муҳим таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида истодааст ва дар чанд соли охир муҳимтарин проблемаҳои соҳаи китобу китобдорӣ, масъалаҳои китобшиносиву китобхонашиносии муосир, инноватсия дар соҳаи китобдорӣ ва таъриху назарияи библиографияи миллӣ мавриди таҳқиқку баррасӣ қарор дода мешавад. Ҷалби таваҷҷуҳи муҳаққиқон, ба хусус пажӯҳишгарони ҷавон барои таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи ин соҳаи муҳимми таъриху фарҳанги миллӣ дар солҳои охир боиси қаноатмандист. Ин, аз як тараф, барои пур гардидани фазои холии соҳа имкон фароҳам оварда, аз тарафи дигар, барои дар оянда анҷом додани пажӯҳишҳои мукаммали бунёдӣ замина ба вуҷуд меорад. Бо назардошти ин кори илмии унвонҷӯ Комилов Меҳроҷ Шарифович, ки дар мавзӯи **«Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)»** анҷом дода шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ пешниҳод гардидааст, хеле муҳим мебошад. Аз мундариҷаи диссертатсия аён аст, ки муҳаққиқ паҳлуҳои гуногуни мавзӯъро хеле амиқ омӯхта, бо адабиёти илмию назариявии соҳавӣ шинос мебошад. Хусусан пажӯҳишҳои илмии солҳои охир анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниро мутолиа намудааст. Номгӯйи мақолаҳои илмии муаллифи рисола, ки дар охири автореферат

ҷой дода шудаанд, баёнгари онанд, ки ӯ паҳлуҳои мухталифи мавзӯъро хуб омӯхта, ҳазм кардааст, доир ба он маводи зиёд ҷамъ овардааст ва ба моҳияти мавзӯӣ таҳқиқоти илмӣ дуруст сарфаҳм рафтааст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифта, объекту предмети таҳқиқ мушаххас карда мешавад, асосҳои назариявию методологӣ ва методҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои истифодашуда баён, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян мегардад, дар бораи сохтору ҳаҷми рисола маълумот дода мешавад.

Боби якуми рисола **«Омилҳои ташаккул ва таҳаввули китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол»** унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум – **«Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти китобхонаҳо»** вазъи фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ дар солҳои аввали истиқлолият баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ ин давраи фаъолияти китобхонаҳоро ба ду марҳила тақсим мекунад: марҳилаи аввал аз соли 1991 то соли 2000-ум ва марҳилаи дуюм солҳои 2001-2016-ро дар бар мегирад. Вобаста ба шароити давру замон махсусияти ҳар як давра баррасӣ карда мешавад. Агар барҳам хӯрдани бархе аз китобхонаҳо, кам шудани сафи хонандагон, шахсӣ гардидан ё ба тавозуни ташкилотҳои дигар гузаронидани биноҳои китобхонаҳо ва коҳиш ёфтани захираи китоби ин муассисаҳо ба марҳилаи якум хос бошад, дар марҳилаи дуюм барои беҳтар гардидани фаъолияти ин муассисаҳои фарҳангӣ аз тарафи давлату ҳукумат таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Рақамҳои оморие, ки дар автореферат оварда шудаанд, гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд.

Дар зербоби дуюми боби аввал, ки **«Сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ: ҷанбаъҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ»** унвон дорад, аҳамияти қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои танзими соҳаи китобдорӣ ва таъмини пешрафти соҳа мавриди баррасӣ қарор дода

шудааст. Дар баробари қабули санадҳои меъёриву хуқуқӣ, таҳия ва дар амал татбиқ намудани 4 барномаи давлатӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ махсус таъкид карда мешавад, ки барои ба низом даромадан ва беҳтар гардидани фаъолияти китобхонаҳо заминаи мусоид гузоштааст.

Зербоби сеюми боби аввали диссертатсия – **«Нақши озмуну фестивалҳои китобдорӣ дар такмили фаъолияти китобхонаҳо»** баррасии ҳадафу вазифаҳо, тартиби баҳогузорӣ, талаботу шартҳои озмуну фестивалҳо дар соҳаи китобдорӣ ва нишонрасиву натиҷабахшии онҳоро дар бар мегирад. Муҳҳаққиқ нақшу аҳаммияти фестивалҳои «Китоб ва мусиқӣ», «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон», «Китоб ва мусиқӣ барои кӯдакону наврасони Тоҷикистон» ва озмунҳои «Чароғи ҳидоят», «Дониш талабу бузургӣ омӯз», «Китобхонаи намунавӣ», «Ҳамнишине беҳ аз китоб маҳоҳ», «Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол»-ро дар такмилу пешрафти фаъолияти китобхонаҳо муҳим арзёбӣ менамояд.

Масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва фаъолияти китобхонаҳои электронӣ ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқлои иттилоъ дар боби дуюми рисола, ки **«Пайдоиш ва ташаккули китобхонаҳои электронӣ дар Тоҷикистони муосир»** унвон дорад, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Боби мазкур се зербобро дар бар мегирад.

Дар зербоби якуми ин боб – **«Имкониятҳои китобхонаҳои электронӣ дар тавлид ва пахши иттилоот»** масъалаҳои истифодаи ҳадафманди имконоти техникаву технологияи электронӣ дар пешрафти кори китобхонаҳо ва бо ин роҳ беҳтар намудани хизматрасонии китобдорӣ баррасӣ гардидааст. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф муҳаққиқ дар баробари нашри китобҳои чопӣ итишори ҳатмии нусхаҳои электронии маводи чопиро низ муҳим меҳисобад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки **«Раванди компютеркунонии китобхонаҳо»** унвон дорад, масъалаи таъмини китобхонаҳои ҷумҳурӣ бо

техникаи компютерӣ баррасӣ гардидааст. Дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъала ва омӯзиши вазъи таъмини китобхонаҳои ҷумҳурӣ муҳаққиқ ба чунин хулоса омадааст, то ҳанӯз на ҳамаи ин муассисаҳо бо техникаи компютерӣ таъмин мебошанд. Аз ин рӯ қабули **«Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои Тоҷикистон»** барои даҳ соли минбаъда мувофиқи мақсад дониста шудааст.

Дар зербоби сеюми пажӯҳиши илмӣ – **«Вижагиҳои фаъолияти шабакаи китобхонаҳои электронии ҷумҳурӣ»** масъалаи бунёди китобхонаҳои электронӣ ва ташкили сомонаҳои интернетӣ дар ташкилоту муассисаҳо ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифта, афзалияти фаъолияти китобхнаҳои электронӣ дар таъмину қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотию маърифатии хонандагон нишон дода мешавад. Рақамигардонии китобҳои нодиру камёфт ва ба хонанда дастрас намудани онҳо яке аз афзалиятҳои муҳимми китобхонаҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ дониста мешавад. Ба вуҷуд овардани имконияти интиқоли захираҳои маълумоти электронӣ аз афзалияти дигари фаъолияти китобхонаҳои электронӣ арзёбӣ гардидааст.

Хулосаҳои муаллиф илман асоснок буда, дар 12 банд баён гардидаанд. Тавсияҳои ӯ барои беҳтар гардидани фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ мусоидат намуда, барои густариши пажӯҳишҳои илмӣ дар ин самт замина мегузоранд.

Маводи диссертатсияро метавонанд ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои марбут ба фаъолияти китобхонаҳои анъанавӣ ва электронии Тоҷикистон, навиштани асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърих, китобхонашиносӣ ва фарҳангшиносӣ истифода баранд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми муаллифи диссертатсия боз дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби ӯ Феҳристи мукаммали адабиёт оид ба мавзӯи диссертатсия таҳти унвони “Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол” таҳия ва интишор шудааст, ки фарогири 1382 номгӯи

адабиёт мебошад. Ин кори бузург ва заҳматталаб буда, имрӯз аз он кормандони амалияи китобдорӣ ва мутахассисони соҳа васеъ истифода мекунанд.

Дар маҷмӯъ аз мазмун ва мундариҷаи рисола бармеояд, ки пажӯҳиши анҷомдодаи Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи **«Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)»** дар сатҳи хуби илмию назариявӣ анҷом дода шудааст. Муҳим будани мавзӯъ дар он ифода меёбад, ки он то ба имрӯз мавриди таҳқиқоти монографӣ қарор нагирифтааст.

Таҳлили мазмуну муҳтавои диссертатсия нишон дод, ки дар радифи дастовардҳои назаррас дар кор баъзе камбудию норасоиҳо вуҷуд доранд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия оид ба вазъи нашри адабиёт ва таъмини китобхонаҳои Тоҷикистон бо ин адабиёт кам маълумот дода шудааст.

2. Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия сабабҳои иҷро нагардидани баъзе аз барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ пурра шарҳу эзоҳ дода нашудааст.

3. Ҳаҷми диссертатсия аз ҳисоби муқаддима андак зиёд шудааст.

4. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ба чашм мерасанд.

Эродҳои зикршуда арзиши илмии таҳқиқоти бaанҷомрасидаро коҳиш надода, метавонанд ҳангоми таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои матраҳшуда мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст. Ҳамзамон варианти русии автореферат бо варианти тоҷикии он пурра мувофиқат мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи рисола мундариҷаи кори илмии ӯро бозгӯ менамоянд.

Чунонки аз мазмуну мундариҷаи диссертатсия бармеояд таҳқиқоти Комилов Меҳроҷ Шарифович дар мавзӯи **«Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)»** кори илмии баитмомрасида маҳсуб ёфта, мувофиқи талабот, меъёрҳо ва

муқаррароти таъйиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои таърих,**
**професссори кафедраи**
**таърихи Ватан ва археологияи**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров»** **Набиев Ваҳоб Машрафович**

**Имзои Ваҳоб Набиевро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б. Ғафуров»** **Ашрапова З.Н.**

**735700 гузаргоҳи Мавлонбеков 1,**
**ш.Хуҷанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Б.Ғафуров»**
**Тел.: (+992-93) 503-52-73 (+992-92) 803-00-01**
**E-mail: v.m.nabiev@mail.ru**